# САНАДҲОИ БАДЕӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ МУОСИР

Дар асарҳои бадеӣ ғайр аз моҳирона кор фармудану истифода намудани боигарии забони адабӣ-гуфтугӯӣ барои пурраю образнок ифода намудани ғояи асар воситаҳои тасвири бадеӣ низ мавқеи бузург доранд. Адиб ба василаи санадҳои бадеӣ дар бораи объекту предмети тасвир тасаввуроти муайян пайдо мекунад, вазъиятҳои амалу ҳолатро мушаххас мегардонад.

Бадеиёт яке аз хусусиятҳои хоси асари адабӣ буда, ашъори бузургтарин адибони гузаштаю муосир аз он сабаб ба дили хонандагон ҷой гирифтааст, ки дар онҳо маъниҳои олӣ ва бикр дар ниҳояти дилкашӣ ифода гардида, ба пероии бадеиёт ороиш ёфтаанд. Воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамин гуна ҷузъҳои муҳими асари бадеист, ки адибон онҳоро барои ифода кардани ғояи асосии асари худ истифода менамоянд. Таъсири эмотсионалии асари бадеӣ аз бисёр ҷиҳат ба воситаҳои тасвир вобаста буда, онҳо барои дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор тазоҳур кардани мақсад ва ғояи асар омили муҳиме мебошанд.

Адабиёти бадеӣ ҳамчун як шакли шуури ҷамъиятӣ ба хонандагон дар ҳамон ҳолат таъсири чуқури маънавию эмотсионалӣ мебахшад, ки агар онҳо фикри асосии адибро ба хубӣ дарк намуда, санъати воқеанигории ӯро, ки ба воситаи сухан таҷассум ёфтааст, эҳсос намоянд.

Адиб ба василаи силсилаи воситаҳои тасвири бадеӣ, ки асарро зиннат медиҳанд, образҳои равшан ва барҷаста ба вуҷуд меорад. Ба василаи воситаҳои тасвир забон ва тарзи баёни адиб ба худ либоси рангину образнок ба бар мекунад ва дар назари хонанда бо тобишҳои гуногун ҷило медиҳад. Константин Федин навишта буд: «Ҳангоме, ки ду асар аз ҷиҳати ғоя дар як зина меистанд, он яке дорои қиммати бадеист, ки барои ба даст даровардани санъати олӣ кӯшиш кунад инро аз ӯ адабиёт, хонанда ва замон талаб мекунад»

Дар ашъори ба мавзӯи хориҷӣ бахшидаи адибони муосири тоҷик воситаҳои тасвири бадеӣ фаровон истифода бурда шудаанд. Ин воситаҳо аз як тараф, зебоӣ ва рангинии асарҳои онҳоро таъмин карда бошанд, аз тарафи дигар барои барҷастаю таъсирбахш ифода намудани мақсадҳои ғоявии онҳо хизмат намудаанд. Ташбеҳоти пурқуввату хушобуранг, истиораҳои пурмазмун, муболиғаҳои баланду бошуурона, таҷнисҳои рангини ҷилодор ба ғояи асарҳои онҳо тобеъ буда, як хусусияти хоси услуби ашъорашонро таъмин кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар ин ҷо фақат дар бораи ҳамон санъатҳое меистем, ки дар ифодаи афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва шарҳи воқеаҳои байналхалқӣ ба адибон кӯмак расонидаанд.

Яке аз воситаҳои тасвири бадеии ташбеҳ дар осори адибон ба мақсади равшану барҷаста ифода намудани моҳияти асосии масъалаҳои бамиёнгузошта, барои баланд бардоштани таъсири рӯҳӣ-эмотсионалии асар ва таъмин намудани бадеияти онҳо хизмат кардаанд.

Ташбеҳ дар шеърҳои ба мавзӯи хориҷӣ бахшидаи адибон ҳам барои ифодаи вазифаҳои ғоявӣ, услубӣ-бадеӣ ва ҳам барои баёни орзую омоли мардуми ситамдидаи хориҷӣ ба кор бурда шудааст. Ин хусусият дар асарҳои устод Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирзо Турсунзода,Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар ва дигарон хеле хуб мушоҳида карда мешавад.

Аксар ташбеҳҳои дар асарҳои ин адибон корфармудашуда ба танқиду мазаммати золимону истисморгарон ва ифодаи ҳоли табоҳи халқи мазлуми мамлакатҳои хориҷӣ равона шудаанд.

Устод Турсунзода анъанаи устодони худро идома дода, дар аксарияти асарҳояш кӯшиш намудааст, ки хислатҳои зоҳирию ботинии персонажҳояш ва воқеияти вазъиятҳои давру замонро ба воситаи ташбеҳҳои хушобуранг боз ҳам мушаххастару рангинтар нишон диҳад. Адиб ташбеҳҳоро мувофиқи талаботи мазмуни ғоявӣ ва бадеии асар моҳирона ба кор бурдааст.

Дар ин маврид мавқеи ғоявии онҳо дар шеър хеле устувор буда, барои зиёд шудани қувваи эмотсионалӣ ва пурқувват гардидани мундариҷаи ғоявии ифода мавқеи муҳим бозидаанд.

***Шарифов Ё., омӯзгори кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ»***

НУРАФШОН
Муҳаррири масъул: Абдуалиев БАХТИЁР
ТАРРОҲ: Абдуллоев БАХТИЁР

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
Web: www.det.tj
-тел: 905551718

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Назарзода Хайрулло
Кибриё Мирзоева
Зарина Шарифова

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар Маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: валояти Хатлон ноҳияи Бохтар

Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан

# НУРАФШОН

ПАНҶШАНБЕ 21-сентябр соли 2017 №9 (33)

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

# ДАР РОҲИ СУЛҲУ СУБОТИ ВАТАН



Аз таърихи гузаштаамон медонем, ки, ғолибон ва низоми сиёсии таъсисдодаи онҳо, чи рангу тобише ҳам дошта бошад, дар навбати аввал таърихро тахти назорат гирифта, дар хизмати ҳокимияти хеш қарор медиҳанд. Ҳамеша, дар ҳама ҷо, дар ҳама низомҳо дар гузашта ва имрӯз ҳамин гуна буду ҳаст.

Дар он замон, барои идеологияи коммунистии умумидавлативу умумихалқӣ истифодаи воқеоти таърихӣ, ҳаводис, гузаштаи халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ, ки бахри амалӣ шудани барномаи сохтмони ҷомеаи сотсиалистиву коммунистӣ мусоидат мекарданд, зарур ва муфид буд. Бинобар ин, барои он система омӯзиши таърихи халқҳои ҷудогонаи ИҶШС, ба истиснои халқи рус, муҳим набуд. Ҳарчанд ки халқи рус низ аз лиҳози ҳофизаи таърихӣ талафоти бисёр дода буд.

Акнун ба мо маълум аст, ки дар омӯзиши воқеаи таърихи гузаштаи худ бештар аз ҳама (ман ба ин аслан шубҳа надорам) талафотро мо тоҷикон додаем. Замоне буд, ки ба мо таҷлили санаҳои таърихии марбут ба олимон, шуаро ва намояндагони бузурги фарҳанги асрҳои гузаштаро манъ мекарданд.

Фақат зикри тоҷик будани онҳо хашму танаффури маъмурони маҳаллии ҷумҳуриявӣ ва марказии ҳизбиву давлатиро бармеангехт. Мансубияти миллии онҳо мавриди шубҳаву нописандии ошкоро қарор мегирифт. Кӯшиши наҷибонаи эҳтиром гузоштан ба беҳтарин фарзандони замони гузаштаи дуру наздики халқи тоҷик чун зуҳури ғояҳои миллатчигӣ пиндошта мешуд ва дар робита ба ин ба ташаббускорони ин гуна иқдомот тамғаҳои гуногуни идеологӣ мечаспонданд. Намояндагони фарҳанг, илм ва санъати дар тамоми дунё машҳури моро ба беватанони (космополит) бе асл, бе насаб, бе миллат ва мардумамонро бошад ба манкуртхое табдил медоданд, ки робитаашонро бо решаҳояшон гум кардаанду аз ҳофизаи таърихӣ маҳрум шудаанд. Таърихи халқи тоҷик аз замонҳои қадим то ба имрӯз нисбат ба таърихи халқҳои дигари Осиёи Миёна қасдан ба таҳрифи зиёд ва тақаллубот ги-

рифтор мешуд. Аксари далоилу санадҳои таърихии халқи тоҷик махсусан дар мавриди мушкилоти сарнавиштсози таърихи навтарин мавриди махфидории махсус қарор мегирифт. Дар навбати худ, дастнорас будани маъхазҳои басо муҳиме, ки дар бойгониҳои ҳизбӣ зери муҳри «комилан махфӣ» нигаҳдорӣ мешуданд, дар он замон барои холисонаву саҳеҳ инъикос намудани аксари лаҳазоти муҳими таърихи нав имконият намедод.

Танҳо имрӯз, вақте ки халқи тоҷик озодии ҳақиқиву истиқлолиятро ба даст овард, танҳо ба шарофати ҷидду ҷаҳди бузурги Президент Эмомалӣ Раҳмон баҳри барқарориву пойдории сулҳу ризоияти шаҳрвандӣ дар кишвар иконпазир шуд, ки бори аввал дар тамоми ҷаҳон ҷашнҳои байналмилалии 1100 - солагии давлати Сомониён, соли тамаддуни Ориёӣ, соли Рудакӣ, 2500 – солагии шаҳри Истаравшан, 2500 – солагии Хуҷанд, 2700 – солагии шаҳри Кулоб ва ғайра бошукӯҳ ва густурда таҷлил гарданд.

Табиист, ки ҳамаи ин чорабиниҳо дар кори нигаҳдории ҳофизаи таърихӣ ва пойдории идеологияи миллӣ, инчунин дар муайян кардани ҳамонандии миллии тоҷикон таъсири бузургро мегузорад. Аммо ман як чизро намефаҳмам, чаро ҷашнҳои таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон (с.1924) ва ҶШС Тоҷикистон (с.1929) густурда таҷлил намегарданд. Охир маҳз ҳамин далели таъсисёбии давлатдории шуравии тоҷик, он ҳам бидуни ҷанги дохилии милливу озодихоҳӣ, барои эъломи оромонаи истиқлолият ва новобастагии Тоҷикистон дар санаи 9 сентябри соли 1991 асоси ҳуқуқӣ гардид.

Нахустин бор, пас аз муддати зиёд баъди Исмоили Сомонӣ, Нусратулло Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншо Шотемур, Абдуқодир Муҳиддинов халқи тоҷик соҳиби чунин ходими давлативу ватандусте чун Эмомалӣ Раҳмон шуд, ки моро ба сӯи ҳадафи ниҳоӣ, ба ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу беҳбудӣ роҳнамоӣ мекунад. Мо Президенте дорем, ки пайгирона талошу кушиш ба харҷ медиҳад, то ба халқи худ ҳофизаи таърихиашро баргардонад. Ӯ инсонест, ки дар рузҳои бениҳоят сахту фоҷиавӣ, вақте ки мухолифони мо қариб буд куштори бераҳмонаву микёсии бемислу монанди халқи тоҷикро ба роҳ монанд, - кишвари аз тарафи Худову сарнавишт атошударо нобуд созанд ва моро боз ба ҳақирону ғуломони асоратгарони бегона табдил диҳанд, вақт давлатамонро ба ихтиёри ӯ супурд. Дар давраи истиқлолияти мо ва сарварии Эмомалӣ Раҳмон олимони тоҷик барои худ ва халқашон аз нав таърихи ниёгон, корномаҳои ифтихороамезу қаҳрамононаи онҳоро кашф карданд, саҳми бузурги онҳоро ба тамаддун, илму фарҳанги ҷаҳон воқеъбинона арзёбӣ намуданд. Бо сайъу кӯшиши олимони таърихшиноси ҷумҳурӣ доғҳои сафед дар саҳифаҳои таърихи дуру наздики мо руз то руз камтар шуда истодаанд.

Дар таърихи навини Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон на танҳо ҳамчун роҳбари шинохташудаи давлатӣ, балки чун пешвои ҳақиқии миллӣ ташаккул ёфтааст. Ин боиси хушҳолист ва ифтихори воқеист. Халқ бояд на танҳо роҳбари шоистаи худ ва пуштибоне на танҳо балки махсусан аз бадхоҳони худро дошта бошад. Тоҷикистон ва мардуми он натиҷаҳои марҳилаи рушди ҷумҳуриро ҳамчун як давлати мустақилу соҳибистиқлол ҷамъбаст намуданд.

Даҳсолаи аввал дар таърихи кишвар - ин воқеан як рӯйдоди аҳамиятнок аст ва давраест, ки комёбиҳову иштибоҳоти корҳои дар ин муддат анҷомдода муайян мешаванд. Бояд ба назар гирифт, ки солҳои авали давлатдорӣ барои Тоҷикистон марҳалаи содаву беғубор набуд. Муқобилияти мусаллаҳона ба иқтисодиёти давлат зарари ниҳоят бузург расонид ва ба талафоти калони инсонӣ боис шуд.Ҳаёти даҳҳо ҳазор одамон, ки дар ин солҳои фоҷиавӣ аз байн рафтанд, бебаҳост. Аз рӯи ҳисобу китоби пешакӣ ҷумҳурӣ ба миқдори зиёда аз 10 млрд. доллари ИМА зарар дидааст.

Вале, баъд аз истиқрори сулҳу субот, дар натиҷаи фаъолияти пурҷӯшу хурӯши роҳбарияти ҷумҳурӣ бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳаҷми зиёди корҳо ба анҷом расонида шуд. Ин корҳо ба сохтмону ба кор андохтани иншоотҳои дорои аҳамияти хоҷагии халқ тааллуқ доранд, ки ба ҳама маълуманд.

Роҳбарии кишвар, Президенти давлати хурд ё калон будан бисёр душвор ва мураккаб аст. Вақте ки ба ин мақоми масъулиятнок дар шароити харобшавиву ноосоиштагӣ пешбарӣ мекунанд, боз вазнинтар аст. Маҳз дар ҳамин марҳилаи фоҷиавӣ, вақте ки низоъҳои хунрезии байниминтақавӣ дар авҷ ва ҳама чиз хароб шуда буд, аз тарафи сардори давлат дар иҷлосияи ғайринавбатии XV1-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ номзадии Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда шуд. Ин ҳамон лаҳзае рух дод, ки ягон каси дигар хоҳиши роҳбари давлат шуданро надошт ва ҳатто касоне ҳам набуданд, ки барои аз уҳдаи чунин вазифаи душвор дар он шароит баромадани касе бовар дошта бошанд. Ин гуна, ба истилоҳ «фидоиён», ки ҳаёти худро ба хатари ҳалокатбор андозанд, ҳатто дар байни нафароне, ки дар он замон даъвои ба мақоми волои Сарвари давлат расиданро доштанд, ёфт нашуд.

Боз як хусусияти хоси ин давра он буд, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар оғози кор дастгоҳи кормандонеро надошт, ки дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсоя сатҳи баланди таҷрибаи кориро дошта бошанд. ғайр аз ин, худи сарвари нави давлат то он дам дар мақомоти ҷумҳуриявӣ кор накарда буд ва чунон ки мегӯянд, _ омодагии заруриро надошт. Ӯ ҳамчун як роҳбари бомаҳорат ва корманди хоҷагии сатҳи маҳаллӣ машҳур шуда буд.

Пас суол ба миён меояд, ки чи тавр ба ӯ муяссар шуд то ба ин сатҳ, ки имрӯз қарор дорад бирасад? Чӣ тавонист дар шароитҳои сахттарини низои байни тоҷикон, ки кишварро ниҳоят то созишномаи сулҳ ва дар оянда ба иттиҳоду оштии саросарии ҷамъияту халқ оварда расонид ва он муваффақияти пешакиро муяссар сохт?!

Вақте ки дар бораи ин рӯйдоди бесобиқа ба фикр фурӯ меравӣ, ба хулосае меоӣ, ки чизе ки иттифоқ афтод, тасодуфӣ набуд. Ҳисси роҳбарӣ ва ватандӯстӣ, ба замми он пешвоии миллӣ дар вуҷуди Эмомалӣ Раҳмон дар лаҳазоти бӯҳронӣ хеле равшан ва ба пуррагӣ намудор гардид. Ба ғайр аз ин, ба Сарвари давлати ҷавону ҷаззоб на танҳо шаъну шарафи ботинӣ, балки омилҳои берунӣ, яъне ҷаззобият, маҳорати ба худ моил кардан, рафтору кирдор, сурати зоҳирии зебо, сабру тоқат ва дарки тамоми душвориҳои вазъияти роҳбаре, ки идоракунии давлатро дар шароити илоҷнопазир ба дасти худ гирифта буд, мусоидат кард.

Таҷрибаро Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар рафти роҳбарӣ андӯхт. Дар ин кор мулоқотҳои сершумор бо Сарварони кишварҳои хориҷӣ, иштирок дар саммитҳо ва форумҳои бузурги байналмилалӣ, вохӯриҳои мунтазам бо зиёиёни эҷодкор нақш бозид.

***Бахтиёр Абдуалиев, омӯзгор***



# ҲАСТИИ ЗАБОН ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ

Инкашофи забони тоҷикӣ ва ташккули забони миллӣ натиҷаи он ҳама равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва маъданӣ буд, ки баъди қабул гардидани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» дар кишвари тоҷикон ҷараён доштанд. Дар муддати начандон тӯлонӣ имкониятҳои мусбии забони тоҷикӣ бо қувваи тамом ба ҳаракат омада фаъол шуда, сифтаи нав пайдо намуданд. Ин сифат аз тағйир тартиби алифбои тоҷикӣ, қабул гардидани имлои нави забони тоҷикӣ (соли 1998,2011) ва нашр намудани китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ, тағйирот даровардан дар луғатҳои гуногун ва ғайра иборат буд. Дар натиҷаи ин тағйиротҳо забони адабии тоҷикӣ имкон ёфт, ки барои ифодаи матлабҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву техники замони иҷтимроӣ ва илмиву техники замони мо ҳозир бошад.

Баъди ба даст омадани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт тараққиёту пешравиҳо ба назар мерасид. Да ин раванд забони адабии тоҷик низ ба давраи нави тараққиёти худ шурӯ намуд. Яъне дар баробаои мустақилияти давлатаӣ забони тоҷикӣ мақому манзалати бузурги худро дар ҷомеа дарёфта, ҳамчун забони давлатии тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ муарифӣ мегардад.

Бузургдошти забони модарӣ, сарнавишти таърихӣ ва мақоми он дар бақои давлатдории миллӣ д ар назариёти сиёсии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, дар густураи андешаву пажӯҳиши илмии ӯ аҳамияти бағоят муҳим касб кардааст. Яке аз матлабҳои вежае, ки аз мақолот, суханронӣ ва андешаҳои ӯ истинбот мешавад, ин аст, ки забон дар баробари таъриху фарҳанг ва маънавият аз омилҳои бунёдист,ки ҳувияти миллиро ташаккул медиҳад, симои миллатро муайян мекунад, мақоми онро дар таърих ва дар миёни соири милал таъйин менамояд. 22 июли соли 1996 Президенти кишвар дар Рӯзи ҷашни забон фармуда буд: “Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд”.




Пешвоёни миллати тоҷик аз даврони қадим умдатарин масъалаҳои сарнавишти миллатро дар ҳамбастагӣ бо масъалаи забон ҳал кардаанд. Чунончӣ, муҳимтарин падидаи фикриву фарҳангӣ, ки бо кӯшиши амирони сомонӣ ба вуқӯъ пайваст, расмияти сиёсӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ мебошад, ки пойгоҳҳои интишори забони арабиро маҳдуд намуда, барои равнақи адабиёту фарҳанг роҳро ҳамвор сохт. Фарҳанггустарӣ ва адабпарварии Сомониён дар сатҳи сиёсати давлат бо таваҷҷӯҳи хосаи эшон ба ҷавҳари ваҳдатофарини ҷомеа-забон ва таърихи миллӣ марбут буд. Бо вуҷуди фишори рӯзафзуни хулафои араб, ки дар баробари дини хеш забонашонро низ ба сари қавмҳои дигар таҳмил мекарданд, забони тоҷикӣ тавонист, ки ҳувияти хешро дар муқобили ин фишорҳо ҳифз намояд ва заминаҳои густариши ояндаи худро бунёд гузорад. Бино ба фармудаи Президенти кишвар “Тулӯи оламшумули забони тоҷикӣ ба талошу фаъолияти ин давлат ( Сомониён) ва сарварони соҳибхираду маърифатпарвари он иртиботи ногусастанӣ дорад”.

Ин шинохту бардошти Президент дар раванди пургустариши сиёсати фарҳангии ӯ мӯҷиби эҳёи манзалати таърихии забони тоҷикӣ гардид, ба фаъолиятмандии забони миллӣ дар ҷомеа вусъати азим бахшид, ҳуқуқҳои поймолшудаи онро барқарор намуд, имконе фароҳам овард, ки забони давлатии Тоҷикистон рисолати иҷтимоии худро ба иҷро расонад. Таҷлили ҷашни Рӯзи забони тоҷикӣ, Соли забони тоҷикӣ эълон шудани соли 2008, таҳия ва қабули Қонуни нави забон, Барномаи давлатии рушди забони давлатӣ, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ, амри бунёди Конуни забон барои нашъунамо ва ривоҷи забони модарӣ обуҳавои муносиби сиёсиву маъмурӣ ва маънавиро муҳайё намуд.

***Муродов Сироҷиддин, омӯзгори кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ»***

# ПАЙКИ ИСТИҚЛОЛ




Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 сол қабл, 21-уми августи соли 1991 қабул гардид. Дар асоси он Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати 12- ум рӯзи 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон намуд. Истиқлолиятеро, ки бисёре аз фарзонагони миллати тоҷик садсолаҳо дар орзуяш ҷон додаанду дар интизораш ноумед аз дунё рафтанд. Хушбахтона, орзуи деринтизори мардуми Тоҷикистон моро насиб гашт. Сафҳаи ҷадиде дар китоби таърихи давлатдории тоҷикон боз шуда, падидаи муҳимтарину қимматарин дар арсаи сиёсат арзи ҳастӣ намуд, ки он абадан бо ҳарфҳои зарин бо номи «Тоҷикистони соҳибистиқлол» сабт хоҳад шуд.

Кунун 26 сол мешавад, ки мардуми кишвари азизамон ин санаи фархундаи таърихӣ, замони шинохти миллӣ, ҳамчун давлати миллии бошукуҳро бо дастовардҳои шоёни иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳам фарҳангиву сиёсӣ ҷашн мегиранд. Мароми кули мардум як аст: ҳар чи зудтар, бо чӣ роҳу воситае, ки набошад, Тоҷикистон сарсабзу хуррам ва ободу зебо, хуштарҳу намунавӣ ва дар радифи давлатҳои тарақикардаи ҷаҳон ҷой гирад. Хушбахтона, баҳри амалӣ гаштани ин орзуву омоли наҷиб иқдоми ҷиддӣ гузошта шуд. Миллати тоҷик эҳсоси пурраи мустақилият, соҳибу вориси марзу буми аҷдодии хеш буданро кард!

Мутаассифона, мустақилият, озодии дину виҷдон, озодии тафаккур, дарки худшиносию ҳисси ватандорию ватанхоҳӣ ва соҳиби мероси гузаштаи худ будани тоҷикон ба аҷнабиёни бадхоҳ маъқул наафтод. Ҳасудон чунин диёри нозанин ва миллатеро бо таърихи бою рангин, соҳибмаърифату тамаддунсоз нахостанд, ки дар арсаи ҷаҳонӣ нуфуз, обру ва мавқеъ дошта бошад. Ҳамин буд, ки чун серобе ташнагони мардуми озодихоҳу бедордил, бонангу боиродаро бо роҳи фиреб бурд. Ҳарчанд, заковатмандон, донишмандон, сиёсатшиносон кӯшиданд, мардумро аз гирифторӣ ба ақидаи бегонагон раҳоӣ бахшанд, натиҷае даст надод. Ин истиқлолият, озодии тафаккур бо сангинтарин, фоҷиабортарин вазъият бархурд кард. Бархурд ба ақидаи ғаразноку манфиатхоҳона, бархурд ба афкори носолиму барбоддиҳанда. Мардум натавонист нияти ободгариро дар амал татбиқ созад.

Солҳои авали соҳибистиқлолии кишвар мувоҷеҳи ҳаводиси наҳсу шум ва харобиовару сӯзанда ва ҷонгудозанда гашт, ки ҳанӯз ҳам он саҳифаҳои таърихи 26 сол қабл ҷилвагар пешорӯйи мост.

Соли 1992 ҷанги; хонумонсӯзи шаҳрвандӣ дар диёри нодиру зебою нотакрори Тоҷикистон сар шуд. Садҳо ҳазор ҳамватанон ҳаммилатони бегуноҳи мо қурбони ҷанг, шаҳиди барҳақ гашта, кашмакаш, қатлу ғорат, қасосгирӣ ва маҳалгароӣ ба авҷи аъло расид. Фирориён дар диёри бегона ба мудҳиштарин рӯзгор мувоҷеҳ шуда, дар орзуи обу нону хок, хешу ақрабо ва ватани бобоии худ қисме ҳалок ва қисме беному нишон ва ҷон ба саломат бурдаҳо хору залил, хизматгори аҷнабиён шуданд. Ҳукумати Конститутсионии Тоҷикистон, ки аз ҷониби вакилони халқ моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи таърихӣ ва сарнавиштсози 16-уми Шӯрои Олӣ таъсис ёфт, тахти сарварии Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 1992 аз шаҳри бостонии Хуҷанд ба пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе омад. Танҳо, пас аз ин умеди тоҷикистониён дубора ба оянда, ҳаёти осоишта, соҳиб шудан ба хоки диёру марзу бум, зодгоҳ, ватани аҷдодӣ қувват гирифт ва ҳисси боварӣ дар мардум афзуд. «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо тайёрам ҷони худро нисор кунам», -гуфта буд, раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он ҷаласа. Ҳамин тавр, мо тоҷикони соҳибистиқлол ба бунёди давлатдории ҷадиди миллии хеш, аз ҳамон рӯз дубора шурӯъ кардем. Воқеан, бо гузашти мудати начандон тулонӣ бо саъю кӯшиш ва талошу ҷонбозиҳои фарзанди фарзонаи тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли гурезаҳои тоҷик ба Ватан баргаштанд, бо дили пурсадоқату саршор аз меҳри халқу Ватан камари ҳиммат, нангу номуси тоҷикона баҳри ободгарию бунёдкорӣ бастанд. Дар кутоҳтарин фурсат оқибатҳои ҷанги таҳмилӣ рафъ гардида, Тоҷикистон қадамҳои устуворонаи хешро баҳри боз ҳам тарақиёт дар арсаи ҷаҳон ниҳод. Ҳамин тариқ пас аз ба даст овардани истиқлолият, ҷиҳати таҳкими давлатдории миллӣ ва муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ аз ҷониби роҳбарияти кишвар як қатор тадбирҳои муҳим андешида шуд.

***УМАРОВ Ҳ. омӯзгори кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ»***



# ОБРО САРФАКОРОНА ИСТИФОДА БОЯД БУРД



Об ҳамчун сарвати бебаҳои табиат беохир набуда, муносибати бемулоҳиза ва истифодаи исрофкорона он боиси сар задании проблемаҳои мушкили инсоният мегардад. Мутаасифона чунин муносибат имрӯз назаррас аст. Аз ин ҷост, ки таъминоти оби нӯшокӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон мушкил гардидааст. 1,3 млрд. нафар аҳолии курраи замин аз нарасидани оби нӯшокӣ танқиси мекашанд. Ҳар сол дар ҷаҳонбо сабаби истеъмоли оби ғализу ифлос 5 млн. нафар одамон ҳалок гардида, бештар аз 3 млн.ба бемориҳои гуногун дучор мегарданд.

Уқёнусҳои ҷаҳонӣ ҳамчун манбаи об барои ҳаёт замина гузаштаанд. Мувофиқи расмҳои аз космос гирифташуда 70,8 % сатҳи замин ба об пушида шудааст. Миқдори об дар замин ба 1,4. 1018 т баробар буда, аз он оби тоза, оби дарё ба баҳрҳо 2.1015т ташкил медиҳад. Дар як сол аз сатҳи замин 40 ҳазор км3 оби тоза хориҷ мегардад, ки аз он инсоният 3,5 ҳазор км3 –ро дар як сол истифода мебаранд. Зиёда аз 28 ҳазор км3 он ба баҳрҳо мерезанд. Як қисми дигари он дар биёбонҳо нест мегардад. Қисми зиёди об бо сабаби ғаш гардиданаш истифода бурда намешавад.

Дар асри XX афзоиши аҳоли 3 маротиба ва талабот ба об 7 маротиба боло баромадааст. Айни ҳол талабот ба оби тоза нисбат ба афзоиши аҳолӣ 2 маротиба зиёд гардидааст.

Дар 50- соли охир истифодабарии об 4 маротиба, яъне аз 1000км3 То 4100 км3 дар як сол афзудааст. 70% - оби истифодашаванда барои корҳои иргатсионӣ ба 30% -он дар саноат ва хоҷагии комуналӣ истифода бурда мешавад.

Яке аз проблемаҳои муҳими инсоният дар асри 21 масъалаи ҳифз ва оқилона истифода бурдани об мебошад. Инро бояд тамоми мардуми сайёра имрӯз ба хубӣдарк намоянд. Бо назардошти муҳимияти масъалаи мазкр Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ «Тоҷикистон дар остонаи асри 21» ба масъалаи глобалии экологии мамалакат дахл намуда, қимати оби дарёро ба қимати нафти ҷаҳон баробар ҳисобидааст. Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузурги оби тоза мебошад, дар ҳалли мушкилоти зерин таъсири имусбат расонад. Дар ҳавзу обанборҳои Тоҷикистон 45,3 км 3 захираи об мавҷуд аст. Захираи оби ошомидании кишвари мо 19,3 км3 – ро ташкил медиҳад, манбаҳои обҳои зеризаминӣ бошад 51,2 км3 аст. Бояд қайд намуд, ки 65 фоизи оби ҳавзаи баҳри Арал аз дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ мешавад. Дар Тоҷикистон шумораи умумии дарёҳо ба 928 мерасад, ки дарозии ҳар кадом беш аз 10 км ва дарозии умумии онҳо беш аз 28500 километрро ташкил медиҳад. Ҳамаи ин ба дараҳои танги баландкӯҳ аз баландиҳои азими зинадор босуръат ҷорӣ мешаванд. Восита бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бепоёни манбаҳои гидроенергетикӣ буда, аз рӯи бузургии ҳаҷми умумии онҳо дар ҷаҳон ҷои 8 – ум ва аз рӯи ҳаҷми қиёсии захираҳо (ба ҳар сари аҳолӣ ва ба ҳар 1 км. ҳудуд) ҷои аввалу дуввумро ишғол мекунад.

Ҳавзаи обҷамъкунии ин дарёҳҳо васеъ мебошанд. Аз ҷумла масоҳати ҳавзаи дарёи Панҷ 114000 км2 буда, аз маҷрои он дар як сол 35 км3 об ҷори мешавад. Дарёи Вахш дарозтарин шохоби Амударё буда, дарёи байнисарҳадӣ ба ҳисоб намеравад. Дарозии дарёи Вахш 643 километр буда, масоҳати ҳавзаи он 1740 км2 ва дарозиаш 71 км – ро ташкил медиҳад. Мавҷудияти релеф, маҳалу иқлими хоси минтақа яке аз сабабҳои асосии серобию тезобии дарёи Вахш гардидааст. Чунин шароит имкон фароҳам овардааст, ки аз 1км маҷрои Вахш 13 ҳазор киловатт нерӯи барқ ҳосил карда шавад. Дар минтақаҳои ОсиёиМаркаӣ сатҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар масъалаи тақсимот ва истифодабарии об то ҳол бар дараҷаи зарурӣ қарор надорад. Вазъияти об дар ин минтақа ғайриодди аст: об гӯё бисёр аст, аммо дар айни замон камӣ мекунад. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки об аксар вакт исрофкорона сарф карда мешавад. То ташаббуси Тоҷикистон амали гардидани Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015 ва даҳсолаи нави «об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 таваҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли проблемаҳои

***Оев М. омӯзгори кафедраи «Сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ»***

# РӮДАКӢ РАФТ МОНД ҲИКМАТИ ӮЙ...

Нури ҷаҳонгири илму адабиёт, вуҷуди пур аз ганҷу хирад ва фазлу ҳикмат, алломаи Шарк, устоди шоирон, асосгузори адабиёти классики тоҷику форс Абуабдулло Ҷаъфари ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдураҳмон ибни Одам соли 858 дар яке аз деҳаҳои хушманзари водии Зарафшон, яъне Панҷруд, ки марказ ҳисоб меёфт, чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падараш Муҳаммад буд ва модари хушбахт номи тифлро Ҷаъфар гузошт. Абуабдулло номи эҳтиромии ӯст, ки чунин номи бузург танҳо ба ашхосе дода мешуд, ки олим, шоир, боэҳтиром ва фардҳои бообрӯ буданд. Падари Хаъфар,ки худ аз аҳли зиё буд, ба тарбияи Ҷаъфари хурдсол аҳамияти беандоза зоҳир менамуд. Ин буд, ки ӯ аз зодгоҳи худ маълумоти муайяне гирифт. Ҷаъфар ҷавони илмдӯст буд ва ҳамеша барои илму дониш, ганҷу ҳикмат мубориза мебурд. Ӯ аз хурдсоли истеъдоди бузург зоҳир намуд. Ӯ чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар 8-солагӣ Қуръонро ба тамом ҳифз намуд ва қироат бинмуд ва ба шеър гуфтан пардохт. Мардум ба вай иқбол намуд ва рағбати у зиёд гашт. Ҷаъфар дар баробари ақли расо, зеҳни гиро ва хотираи тавоно, овози хуш ва савти дилкаш дошт. Навохтани ӯду рӯд, барбату чанг, танбуру найро машк карда дар мутрибӣ ва ромишгарӣ моҳир мегардад. Чун ташнаи дониш буд, роҳи Самарқандро пеш гирифт. Дар мадрсоҳои Самарқанд таҳсил намуда, забони арабӣ, илми балоғат ва луғат, фалсафа, ҳикмат, таърих, фикҳ, риёзиёт ва нуҷумро ба дараҷаи аъло аз худ карда будааст. Истеъдоди шоирии Рӯдакӣ дар ин давра камол ёфт ва овозаи шеъри ӯ тамоми кишварро фаро гирифт. Аввал Рӯдакӣ ба дарбори Насри-I



Сомонӣ даъват шуд. Баъдтар бо ташаббуси Балъамӣ, ки вазир буд, ба пойтахт, яъне ба Бухоро омад. Рӯдакӯ дар дарбори Исмоили Сомонӣ (892-907) ва Аҳмад ибни Исмоил (907-914) низ хизмат карда аст. Дар аҳди Насри II нуфузи Рӯдакӣ баланд мегардад. Насри II Рудакиро дӯсти наздики худ хонда, ба куҷоҳое, ки мерафт: Нишопур, Марв, Сарахс, Ҳирот ва дигар ҷойҳо Рӯдакиро ҳамроҳи худ мебурд. Барои шеъру ғазали пурмазмуни ӯ сарлашкарону ҳокимон ва худи шоҳ инъоми зиёд медоданд. Дар гуфтани шеър ба дараҷае расида буд, ки касе ба ӯ баробар шуда наметавонист. Балъамӣ гуфтааст, ки дар Арабу Аҷам мисли Рӯдакӣ шоире нест.

Боре Насри II ба Ҳирот рафт. Чун боду ҳавои форами онҷо ба ӯ писанд омад, ӯ онҷо манзил намуд, Бухороро фаромӯш намуд ва 4- сол онҷо зист. Ҳама муштоқи ёру диёр буданд, вале шоҳ баргаштан наме-хост. Рӯдакӣ шеъре эҷод карда, чунон васфи Бухоро намуд ва онро суруд,

***Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,***
***Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме…***

Ки аз таъсири шеъри пурҷозибаву дилкаш ва овози хуш ва нолаи ҷонбахш Наср мафтун гардид, ки мӯзаро напӯшида савораи асп шуд ва роҳи Бухороро пеш гирифт. Рӯдакӣ низ ба Бухоро баргашт. Обрӯю эътибори Рӯдакӣ рӯз ба рӯз афзун мегашт.Поёни умри ӯ дар Бухоро гузашт. Вале ба сари Рӯдакӣ балои сахте омада аз ӯ ду гавҳари ноёбро рабуд. Яъне лашкариён молу мулки ӯро ғорат карда,ба чашмонаш мил кашиданд. Шоири пиру нотавон,озору ранҷдида ба деҳаи худ баргашт,дар оғӯши ёру дӯстон буд ва баъди 3-сол,яъне соли 941 ин дунёро падруд гуфт.Имрӯз оромгоҳи ӯ зиёратгоҳи адаб гаштааст. Рӯдакӣ умри гарони худро бефоида нагузаронидааст. Аз хурдӣ оғоз намуда ҳатто то вафот ба донишомӯзӣ машғул гардид. Ӯ худ рафта бошад ҳам, вале баояндагон дурру гавҳари бебаҳое боқӣ гузоштааст, ки равшангари ҳаёти моянд. Ашъори Рӯдакӣ бениҳоят зиёд аст. Рашидии Самарқандӣ мегӯяд:

***Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯ шоирӣ***
***Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.***
***Шеъри ӯро баршумурдам, сездаҳ раҳ сад ҳазор,***
***Ҳай фузун ояд, агар чунонки бояд бишмарӣ.***

Осори Рӯдакиро қасида, ғазал,қитъа, рубоӣ, маснавӣ ташкил медиҳад.



Достони «Калила ва Димна» яке аз асарҳои бузурги Рӯдакӣ буда, шоир онро ба риштаи назм аз рӯи тарҷумаи Балъамӣ кашидааст. Он панду ахлоқӣ аст. Дар он тарғиби одоби баланд, ахлоқи пок, одамгарӣ, дӯстӣ, рафоқат, дониш тасвир шудааст.

Ғайр аз ин «Синдбоднома» ва панҷ маснавии дигар доштааст. Яке аз онҳо «Даврони офтоб» мебошад, ки дар бораи ҳаракат ва хосиятҳои табии офтоб баҳс мекунад ва ин олим будани Рӯдакиро исбод мекунад. Қасидаи «Модари май»-ро Рӯдакӣ ба малики Хуросон Абуҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад бахшидааст.

Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» аз 34 байт иборат аст. Он шарҳиҳолӣ буда шоир онро дар айёми пирӣ ва рӯзҳои сахти зиндагӣ навиштааст. Дар ин қасида Рӯдакӣ лаҳзаҳои муҳимтарини ҳаёти худ, хусусан гардишҳо ва баландпастиҳои онро ба ёд меорад. Он аз ҷиҳати устухонбандӣ ба панҷ қисмат ҷудо мешавад.

Дар панду андарз ва ҳикматҳои Рӯдакӣ мазмунҳои умумиинсонӣ, аз қабили тарғиби илму дониш, раҳму шавқат, рафоқату дӯстӣ ва кӯшишу кор ҷои асосиро мегирад. Шоир бо ин роҳ дар тарбия инсони комил ва парвардани ахлоқи хуб то имрӯз ҳисса мегузорад. Рӯдакӣ фарҳангро беҳтарин сарвати маънавии инсоният шумурда, аз он ҳар чӣ бештар баҳра бародоштанро талқин мекунад:

***Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,***
***То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.***

Шоир қаноат, сабр, бурдборӣ, тавозӯъ, фурӯтанӣ ва хоксорӣро бо роҳи маҳдуд гардонидани нафс, пешгирии орзую ҳавасҳои беҳуда ва худдорӣ аз бадию зиштӣ тарғиб менамояд:

***Гар бар нафси худ амирӣ, мардӣ,***
***Баркурукарарнуктанагирӣ,мардӣ.***
***Мардӣнабувадфитодаропойзадан,***
***Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!***

Дар баробари ин, тамоми ашъори Рӯдакӣ бо санъати баланди шеърӣ суруда шудааст. Ӯ бузургтарин шоири ҳар давру замон аст. Бузургии ӯст,ки зиёда аз бист(20) унвонро соҳиб гаштааст,ки мисоли ин «Устоди шоирон», «Соҳибқирони шоирон», «Султони шоирон», «Ҳакимушшуаро», «Одамушшуаро» буда метавонанд.

Пас моро мебояд боре ҳам худро ба дарёи панду насиҳат ва ганҷу ҳикмати Рӯдакӣ занем, то аз дурру гавҳари қимматбаҳо, яъне бе хислатҳои инсонӣ бенасиб намонем. Рӯдакӣ худ рафта бошад ҳам, аммо номи неки ӯ то абад вирди забон хоҳад буд,зеро:

***Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном***

*Абдуллозода Абдулло, донишҷӯи курси дуюми ихтисоси 430103*

# СУЛҲ БАҚОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Имзо гаштани Созишномаи исгиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон дар соли 1997 дар таърихи навини миллати тоҷик саҳифаи наверо боз намуд ва ба шарофати ин санади ҳаётан муҳим мо тавонистем, ки ба мунокишаҳои дохилӣ ва муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, марҳалаи нав, яъне гузоштани пойдевори сулҳ таъмини ваҳдати миллӣ ва дар ин асос ба эътидол овардани фаъолияти соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварамон ва рушди онҳоро оғоз намоем.

Ваҳдати миллии тоҷикон барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ накши бузург дорад. Ба назари коршиносони сатҳи байналмилалӣ вахдати миллӣ хамчун омили муттаҳидсозандаи миллати тоҷик имкон фароҳам оварd, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шахрвандӣ гузошта шуд ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардид.

Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, Истиқлолияти давлатӣ бе пирузии ваҳдати миллӣ бақо надорад. Имрӯз мардуми шарифи Точикистон дар осоиш ва эҳсоси гарму самимӣ, ватандустию ватанпарастӣ ва шинохти хештан ободкориро максади муқаддаси худ қарор додаст ва мо тамоми дастовардҳоямонро бо мавҷудияти суботи сиёсиву ҷамъиятӣ ва ваҳдати миллӣ вобаста медонем зеро роҳи ягона ва шарти ҳатмии рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ободии Ватан аз ҳамин сарчашма мегирад.

Маҳз сулҳ имкон дод, ки зиндагии ҳар яки мо Тоҷикистониён ба куллӣ дигаргун шавад ва рӯзгорамон сол аз сол осудаю ободтар гардад дигар садои тупу танк моро нороҳат намекунад ва фарзандонамон ботарс аз хоб бедор намешаванд. Дигар тифлони тоҷик дар мулки бегона дарбадару овора, ғарибу бечора нестанд. Ин аст аҳамияти сулҳ, ин аст арзиши ваҳдати миллӣ!

*Маъруф Камолов, донишҷӯи курси чоруми гуруҳи 430103*